Мирсаид
Миршакар

# ҒУНЧАҲОИ ХАНДОН



# МИРСАИД МИРШАКАР

# ҒУНЧАҲОИ ХАНДОН

(Гулчин)

*Дар зери назари*
*Шоири Халқии Тоҷикистон*
*Убайди Раҷаб*
*Мураттиб Ҷӯра Ҳошимӣ*

ДУШАНБЕ
"АДИБ"
2002

КИТОБ БО ДАСТГИРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МӮҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ ШАРИФОВИЧ РАҲМОНОВ БА ТАБЪ РАСИДААСТ.

184537

*Муҳаррир Юсуфҷон Аҳмадзода*

**Мирсаид Миршакар.** Ғунчаҳои хандон.
– Душанбе, нашриёти “Адиб”, 2002. – 64 саҳ.

Шоири Халқии Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллои Рӯдакӣ – Мирсаид Миршакар аз бузургтарин шоирони тоҷик аст, ки беҳтарин асарҳои худро барои кӯдакон таълиф намудааст. Инак ба муносибати 90-солагии шоири маъруф, устод Мирсаид Миршакар гулчини асарҳои ӯ фароҳам оварда шудаанд.

**4803000000 – 7**
**М ——————— – 2002**
**М 503-2002**

© Мирсаид Миршакар, 2002.

# АЗИЗИ ҶАВОНУ ПИР

Ҳар кадоми шумо хушдилона хондаед:

*Ман калон мешавам,*
*Қаҳрамон мешавам,*
*Бар диёри худам*
*Посбон мешавам.*

Ва ё бехабар аз номи нависандааш гуфтед:

*Гумон набаред,*
*Ки ман хурд астам,*
*Ана, мебинед,*
*Ҷорӯб дар дастам.*
*Бо ин ҷорӯбам*
*Хона мерӯбам.*

Ин сатрҳо ва боз даҳҳо сатрҳои дигар барои бобою бибӣ ва падару модарони шумо ҳам аз овони кӯдакӣ шинос буданд. Чунки онҳо шаст-шасту панҷ сол боз моли халқ ҳастанд, ҳамчун таронаҳои мардумӣ садо медиҳанд ва аз даҳон ба даҳон меравconfigured. Оё маҳсули қалами кадом суханвар будани ин сатрҳоро медонед?

Ҳамин порчаҳои марғуб ва бисёр шеъру достону қиссаҳои хуби дигарро барои шумо, дӯстони хурдсолаш, устод Мирсаид Миршакар навиштааст, ки

5-ми моҳи майи соли 2002 аз зодрӯзаш навад баҳор гузашт.

Зодгоҳи Мирсаид Миршакар деҳаи баландкӯҳи Синдеви ноҳияи Рошткалъаи вилояти Кӯҳистони Бадахшон аст.

Кӯдакии устод дар мавзеи пойинтар аз деҳаи Синдев, дар қарибии шаҳри Хоруғ, дар деҳаи Поршнев гузаштааст, ки дар соҳили рости рӯди пуроби Панҷ қад кашидааст. Сабақи аввали донишро низ устод дар мактаби ҳамин деҳаи бузург гирифтааст.

Шавқи доништалабӣ ва илмомӯзӣ ва оламу одам дидан Мирсаид Миршакари наврасро аз оғӯши кӯҳистони сар ба само ба канори водӣ овард. Ӯ роҳи байни деҳаи Поршнев ва шаҳри Душанберо пойи пиёда дар муддати як моҳ тай кард, ки ба муроди дили хеш расад ва аз он вақт ба баъд муқими шаҳри Душанбе гардад.

Устод Мирсаид Миршакар ҳафтод сол қалам ба рӯйи дафтар кашид, шеър, қисса, достон, намоишнома ва мақола навишт. Аз рӯи навиштаҳояш таҳиягарон филм бардоштанд, спектакл ба намоиш гузоштанд. Устод сухансарои сермаҳсул буд. Қисми муайяни эҷодиёти он кас ба хонандаи калонсол пешбинӣ шудааст. Аммо, ҳамчун нигоранда, қабл аз ҳама азизи кӯдакон мебошад. Дар қатори устод Садриддин Айнӣ Мирсаид Миршакар ба адабиёти нави кӯдакони Тоҷикистон поя гузоштааст ва яке аз саромадони он ба шумор меравад. Вай пайваста барои ободӣ ва пойдории ин адабиёт кӯшиш ба харҷ медод, дар ҳавои он нафас мегирифт.

Агар шумо ба эҷодиёти устод Мирсаид Миршакар дақиқ бингаред, хоҳед дид, ки беҳтарин ва ҷолибтарин навиштаҳояш асосан барои кӯдакон аст. Ҳамаи мукофотҳоро низ барои асарҳое гирифтааст, ки

махсуси адабиёти кӯдакон ва наврасон ҳастанд. Дар ин адабиёт каси дигареро пайдо кардан муҳол аст, ки ба монанди ӯ хидмат карда, бори сангини онро бар дӯши худ бардошта бошад.

Устод Мирсаид Миршакар яке аз он касонест, ки худ дар бунёд кардани зиндагии нави Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон хеле фаъолона ширкат варзидааст, барои пойдор ва устувор гардидани он мубориза кардааст. Ҳамин талошу мубориза дар асарҳои ӯ хуб инъикос ёфтаанд. Қисми зиёди воқеаву ҳодисоте, ки дар асарҳои ӯ зеби тасвир қарор гирифтаанд, воқеӣ мебошанд, вай ин воқеаву ҳодисотро ё аз сар гузаронидааст ва ё шунидааст. Ҳаёт тавассути хаёлоти рангини иштирокчии воқеаву ҳодисот вориди адабиёт шудааст.

Ҳар он шахсе, ки барои халқу ватани азизи худ содиқонаву софдилона хидмат мегузорад, хидматаш ба дасти фаромӯшӣ нахоҳад рафт, миллати миннатпазираш ин хидматро қадр хоҳад кард. Хидмати дар инкишофи адабиёти тоҷик, манҷумла адабиёти кӯдакон анҷомдодаи устод Мирсаид Миршакар қадр шудааст. Достонҳои "Қишлоқи тиллоӣ" ва "Панҷи ноором" сазовори Мукофоти давлатии Иттиҳоди Шӯравӣ гардидаанд. Филми "Бачаҳои Помир", ки аз рӯи достони эшон ба навор гирифта шудааст ва устод яке аз муаллифони он мебошанд, лоиқи Мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи устод Рӯдакӣ гардидааст.

Ходими намоёни ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд устод Мирсаид Миршакар, чанд навбат вакилӣ ва Раисии Шӯрои Олиро дар ӯҳда дошт. Бо вуҷуди ҳама серкорӣ ғами рушду такомули адабиёти атфолро меҳӯрд, бар он мекӯшид, ки ин адабиёт ҳарчӣ бештар бой шавад ва шукуфон гардад. Сафи хонандагон ва

ихлосмандонаш афзояд, кӯдакон китобҳои хуб ба даст гиранд ва ҷаҳони маънавии онҳо ободтар гардад.

Устод Мирсаид Миршакар умри бобаракате дид. Ҳаштоду ду сол зиндагӣ кард ва то нафаси охирин қаламро аз даст нагузошт, чизе навишт ва навиштаҳояшро таҳрир карду такмил дод.

Китобе, ки имрӯз аз эҷоди устод ба дасти шумо мерасад, гулчин аст. Қисме аз сурудаҳояш бо дасти муаллиф таҳрир дидаанд. Устод ният дошт, ки навиштаҳои худро як бор саросар аз назари таҳрир гузаронад, бо уммеде, ки боз ҳам хонотару шевотар садо диҳанд. Аз ин хотир ба рӯяшон хати таҳрир давонд. Вале чунин як корро ба тамом анҷом дода натавонист, вақт вафо накард.

"Ғунчаҳои хандон" ба шарафи навадумин солгарди зодрӯзи устоди зиндаёд чоп мешавад, ки марди пандомӯзе буд. Шуморо беҳтар аз ҷон дӯст медошт, ба ҳурмати шумо қалам ба рӯи дафтар мебурд. Шумо ин китобро варақ гардонед ва шеърҳояшро аз бар кунед, он гаҳ рӯҳи бедори устод шод ва миннатпазир мешавад ва ӯро "аз зиндаҳо ҳам зиндатар" хоҳед дарёфт.

*Убайди РАҶАБ*
*Шоири халқии Тоҷикистон*



**ШЕЪРҲО,**
**ТАРОНАҲО,**
**АФСОНАҲО,**



## МАН КАЛОН МЕШАВАМ!

Ман калон мешавам,
Қаҳрамон мешавам,
Бар диёри худам
Посбон мешавам.

Ҷисми ман, ҷони ман,
Тоҷикистони ман!

Гул барин дар чаман,
Бишкуфад бахти ман,
Доимо дар дилам
Маҳкам аст ин сухан:

Ҷисми ман, ҷони ман,
Тоҷикистони ман!

## КИШТИЧАИ МАН

Киштичаи хушрӯяк
Орад ба ман Мирамак,
Мешавам ман капитан,
Дар дарёҳои Ватан,
Шино карда мегардам,
Наметарсам аз душман!

## ЛОЧИН

Ман лочинам, ман лочин,
Ман қаҳрамони матин.
Хурдам, лекин дар ҳар кор
Сахтам, номам ҳам Сангин.

Аэропланча дорам,
Бар болояш саворам.
Парвоз кунам дар ҳаво,
Тарсе асло надорам.

## РОСТ МЕГӮЯМ!

Гумон набаред,
Ки ман хурд астам.
Ана, мебинед
Ҷорӯби дастам.
Бо ин ҷорӯбам
Хона мерӯбам.

Дар даст кӯза,
Равам бошитоб,
Ба сӯи чашма
Аз барои об.
Ширин аст обаш,
Қандин аст обаш.

Шумо нахандед
Рост мегӯям:
Дегу табақро
Худам мешӯям.
Дасти бакорам,
Ман дастёрам.

Бояд дар хона
Ёрӣ расонам,
Мисли дугонам
Ба очаҷонам.
Вай пахтакор аст,
Кораш бисёр аст.

## ГУЛЧАҲОН

Гулчаҳон аъзо шудаст
Ба маҳфили гулдӯзон.
Хеле ҳам усто шудаст
Ба гулдӯзӣ Гулчаҳон.

Бо сӯзан гул мекорад,
Моҳира аст ин духтар.
Ҳар гули ӯ чон дорад,
Соҳира аст ин духтар.

Хонда шеъри шоирро,
Дурӯғгӯяш нагӯед.
Ин духтари моҳирро
Дар байни худ бичӯед!

## ДУХТАРАКИ ПУРҲУНАР

Гулбибии гулбасар,
Духтараки пурҳунар,
Хамир кардан мехоҳад,
Фатир кардан мехоҳад,
Аммо ҳезум надорад,
Орди гандум надорад.
Кӯзачаи ӯ холист,
Як қатра ҳам обаш нест.

Машав ғамгин, Гулбибӣ!
Чони ширин, Гулбибӣ!
Рафта аз бешазорон
Ба ту ҳезум меорем.
Аз осиёби калон
Орди гандум меорем.
Пур карда кӯзаҳоро
Об меорем аз дарё.

Он гаҳ хамир кардан гир,
Он гаҳ фатир кардан гир.

## БОЗИЧАҲО

*(Аз Агния Барто)*

### Хирсак

Хирсак аз дастам афтод,
Дастакаш шикаст.
Намепартоям ӯро,
Хирсаки хуб аст!

### Гӯсола

Бо тахтапул гӯсола
Оҳкашон раҳ меравад:
– Эй пой ба ҳолам, агар
Тахта тамом мешавад!

### Фил

Вақти хоб. Дар қуттича
Рафта хобид тӯтича.
Гӯсола ҳам хобидаст,
Намехобад фили маст.
Сараш поин мекунад,
Ба сурати чӯрааш
Ҳар гаҳ таъзим мекунад.

**Аэроплан**

Сохта аэропланро,
Савор шуда мепарем
Болои кӯҳу саҳро!
Ба назди очаи худ
Бармегардем аз нав мо.

**Асп**

Аспакамро дорам дӯст,
Аспаки тездав ӯст.
Ҳар субҳидам мешӯям
Рӯяшрову мӯяшро,
Савор шуда мегӯям:
– Чу! Ба назди ҷӯраҳо!

**Машина**

Беҳуда гурбаро
Бар машин савор кардем:
Чаппа карда машинаро,
Борашро рехт,
Худаш гурехт!

**Тӯб**

Дар об афтонда тӯбаш,
Таня гирёну ҳайрон.
– Тӯбат намешавад ғарқ,
Гиря накун, Таняҷон!

## Харгӯш

Холаам харгӯшакро
Ба берун ҳаво додаст.
Харгӯшаки бечора
Рӯи харак афтодаст.
Мондаст зери борон
Харгӯшаки нотавон.

## Бузғола

Бузғола дорам
Хушрӯю зебо,
Мебарам ҳар рӯз
Ба чаро ӯро.

Агар шавад гум
Бузи ноёбам,
Аз байни гулҳо
Ӯро меёбам.

## Киштӣ

Кулоҳи ман матросӣ,
Банди киштӣ дар дастам.
Дар дарёҳои пурмавҷ
Дарёнавард ҳастам.

Хоҳиш мекунанд аз ман
Қурбоқаҳо ҳар замон:
– Моро ҳам бо худ гиред,
Ҷон капитани ҷавон.

## ТӮББОЗӢ

Бо тӯби худ ҳар саҳар
Ба чаманзор метозам.
Ғазал хонда медавам,
Гӯё, ки дар парвозам.

Аммо тӯбам дар ҳаво –
Чун офтоби тобон,
Чархзанон мегардад,
Ман – аз паси он!

## МАКТАБХОН МЕШАВАМ!

Якуми сентябр имрӯз,
Хоҳари ман Дилафрӯз
Чояки гарм нӯшид,
Либоси нарм пӯшид,
Гирифта гулдастаро,
Дастаи навбастаро,
Чеҳрахандону дилшод
Қадам ба мактаб ниҳод!

Пас аз як соли дигар
Ман ҳам калон мешавам,
Пӯшида куртаи нарм,
Нӯшида чояки гарм,
Гирифта гулдастаро,
Дастаи навбастаро,
Ман ҳам мактаб меравам,
Ман аълохон мешавам!

## КУҶОСТ РУСТАМ?

Хезеду тозед
Ба кӯча чаққон,

Камони Рустам
Гаштаст рахшон!

Бо ин камонаш
Рустами дастон
Бар ватанаш буд
Содиқ нигаҳбон!

## КАМОНИ РУСТАМ

Бингар баромад
Камони Рустам,
Ҷаҳони мо шуд
Ҷаҳони рустам.

Хуб асту зебост
Камони Рустам,
Хоҳам, ки шодон
Гирам ба дастам.

Хоҳам…
Валекин
Хеле гарон аст,
Ҳазору як бор
Аз ман калон аст!

## НА ТАНҲО НОМАМ РУСТАМ

Агар бо як дасти худ
Глобусро бардорам,
Агар бо як дасти худ
Автобусро бардорам.

Нашавед, ёрон, ҳайрон,
Манам Рустам – паҳлавон!

Танҳо номам Рустам нест,
Худи ман Рустам ҳастам!
Лозим барои Ватан
Ману зӯри ду дастам.

## ҲАМА МЕДОРАНДАШ ДӮСТ

Чаро шумо механдед?
Шумо беҷо механдед!

Восеъ ҳамсояи мост,
Ба шумо мегӯям рост!

Бачаи мактабхон аст,
Бачаи меҳрубон аст.

Ҳама чизро медонад,
Хубу аъло мехонад.

Ба ёронаш дар хондан
Ёрӣ ӯ мерасонад.

Чаро шумо механдед?
Шумо беҷо механдед:

Дар синфи мо пешсаф ӯст,
Ҳама медорандаш дӯст!

1594537.

## ҶӮРОБҲОИ ГУЛДОР

Зочаҷони ширинам,
Туро ман нағз мебинам.
Биё, ки хобонамат,
Ашӯлае хонамат,

Ашӯлаам чунин аст,
Бишнав, ки ҳай ширин аст:

Торик шуд биёбон,
Ситораҳо дурахшон,
Дар ҳама ҷо аллакай
Хобидаанд бачагон.
Хоб кун, хоб кун, зочаҷон!

Аммо ман, хоҳари ту,
Мешинам дар бари ту,
Мебофам аз бароят
Ҷӯробчаҳои хушрӯ.
Хоб кун, хоб кун, зочаҷон!

Пагоҳӣ вақти наҳор,
Ҳамин, ки гаштӣ бедор,
Мебинӣ, ки тайёранд
Ҷӯробчаҳои гулдор.
Хоб кун, хоб кун, зочаҷон!

Мешавӣ шоду хушнуд,
Пӯшида онҳоро зуд,
Шодикунон мегӯӣ
Раҳмат ба хоҳари худ.
Хоб кун, хоб кун, зочаҷон!

Сонӣ, аз нав ҳардумон,
Ба боғчаи кӯдакон
Рафта бозӣ мекунем
Ҳамроҳ бо духтарон.
Хоб кун, хоб кун, зочаҷон!

Тезтар бихоб, мегӯям,
Надеҳ азоб, мегӯям.
Чаро чашмат кушода?

Бидеҳ ҷавоб, мегӯям.
Хоб кун, хоб кун, зочаҷон!

Ҷавоб деҳ, мешитобам,
Намедиҳӣ ҷавобам?
Аз афташ, хобидаӣ,
Ман ҳам рафта мехобам!
Хоб кун, ширин зочаҷон!
Хоби хуш бин, зочаҷон!

## ШИКОЯТ

Меҳрию Хайрӣ
Дугона ҳастанд,
Меҳрию Хайрӣ
Ҳамхона ҳастанд.

Дар кӯча имрӯз
Бо гиря онон
Вохӯрда буданд,
Аз якдигаршон
Пурсида буданд:
– Дугона Хайрӣ,
Чаро гирёнӣ?
– Дугона Меҳрӣ,
Чаро гирёнӣ?

Мегӯяд Меҳрӣ:
– Бо очаам ман қаҳрӣ!
Намемонад, хонаро
Худам бирӯбам,
Дегу табақ, косаро
Худам бишӯям…

Ана аз ин сабаб ҳам,
Дугонаҷонам,

Мекунам гиря.
Аммо туро чӣ шуд?
Гӯй!
Дугоначони хушрӯй?

Мегӯяд Хайрӣ:
– Бо очаам ман қаҳрӣ!
Аз дасти ман гирифта,
Мегӯяд оча:
"Чаро хонаи худро
Намерӯбӣ ту?
Дегу табақ, косаро
Намешӯӣ ту?..."

Ана аз ин сабаб ҳам
Дугоначонам,
Мекунам гиря...

Меҳрию Хайрӣ
Дугона ҳастанд,
Меҳрию Хайрӣ
Ҳамхона ҳастанд.

Арзи якдигар
Шунида онон
Ҳайрон гардиданд,
Чизе нагуфта
Ба хонаҳошон
Равон гардиданд.

## АЗ КОРИ ХУД ХУРСАНДЕМ!

Бо Валяву Сочида
Дар боғча гулҳо чида,
Рангу бӯяш санҷида,
Гулдастаҳо мебандем,
Аз кори худ хурсандем!

Гулдастаро гирифта,
Дар ракета нишаста,
Миёнро маҳкам баста,
Ба коинот мепарем,
Аз кори худ хурсандем!

Бо Маҳтобу бо Зӯҳра,
Ғазал хонда, рақсида,
Гулдасташон бахшида,
Ба хона бармегардем,
Аз кори худ хурсандем!

## ЧОР ФАСЛИ РАХШОНАК

### 1. Баҳор

Наврӯзу навбаҳорон
Ҳар гаҳ ки медарояд,
Дар боғаки баччагон
Рахшонак месарояд:

– Яку дую сею чор,
Ман духтари пахтакор,
Мекорам пахтаи хуб
Дар водии зарнисор!

### 2. Тобистон

Меравад фасли баҳор,
Тобистон медарояд.
Дар боғаки баччагон
Рахшонак месарояд:
– Яку дую сею чор,
Ба саҳро мебароям,

Пахтаи наврустаро
Хишова менамоям!

### 3. Тирамоҳ

Дар аввали тирамоҳ
Пахта чун мекушояд
Дар боғаки баччагон
Рахшонак месарояд:

Яку дую сею чор,
Ман духтари пахтакор,
Рафта пахта мечинам
Дар оғӯши пахтазор!

### 4. Зимистон

Меборад барфу борон,
Зимистон медарояд,
Дар боғаки баччагон
Рахшонак месарояд:

Яку дую сею чор,
Ман духтари пахтакор,
Барои кишту шудгор
Мошинаи ман – тайёр!

Таронаи Рахшонак
Ҳоло танҳо орзуст,
Орзуи Рахшонак
Хуршеди фардои ӯст!

## ҲАСТИИ МАН АЗ ОНҲОСТ!

Ҳар касе аз ман агар
ногаҳ пурсад:
– Кӣ беҳтар
Барои фарзанди худ, –
Модараш ё ки падар?

Дар ҷавобаш мегӯям:
– Барои ман баробар,
Азизанду меҳрубон
Ҳам падару ҳам модар!

Бовар кун, мегӯям рост,
Ҳастии ман аз онҳост!

## ЧУН ФАСЛИ БАҲОР ОМАД

Аз кӯтал ғубор омад,
Мошинасавор омад,
Мошинасавор очам
Аз ҷояки кор омад.

Аз ҷояки кор омад,
Ҳангоми наҳор омад,
Бо чеҳраи хандонаш
Чун фасли баҳор омад.

Бисёр маро бӯсид,
Бисёр маро санҷид:
– Дилгир нашудӣ? – гуфта,
Ҳар бор маро бӯсид.

– Дар боғча будам, – гуфтам,
Дилгир нашудам, – гуфтам,

Пас омада будам ман
Аз боғча худам, – гуфтам.

Дар хона нишастастам,
Чизе нашикастастам,
Ороста дастархон
Ман мунтазират ҳастам!

## ЗИМИСТОН

Ин духтаракро бингаред! –
Дар тан либоси сап-сафед!
Меҳмон ба назди мо шудаст,
Ёрони ман, шодӣ кунед!

Номаш – Зимистон, бачаҳо,
Бар пешвози ӯ равед!
Гӯед ӯро:
– Марҳамат!
Меҳмони мо, Хуш омадед!

## АБРҲОРО НАТАРСОН!

Боди тунди зимистон,
Абрҳоро натарсон!

Бигзор, онҳо паҳн шаванд
Дар фазои бекарон!

Барфи бисёре моро
Резонанд аз осмон!

Фардо, охир, Соли Нав –
Рӯзи хуши хушбахтон!

Барфакбозӣ мекунем
Баромада дар майдон!

Бобо Барфӣ мешавад
Меҳмони ҳар хонадон!

Ҳадя меорад ба мо
Бобоҷони меҳрубон!

## АҶАБ КОРЕ ЗАВҚОВАР

Аҷаб коре завқовар,
Намекунад кас бовар!

Очаҷонам розӣ шуд,
Ки ҳамроҳи вай имсол
Соли Навро мекунем
Бо гулдаста истикбол.

Ман зочабозӣ кардам,
Очам гулдаста мебаст.
Чӣ шуд, ки вақти бозӣ
Бехабар хобам бурдаст.

Бедор шавам, аллакай –
Соли Нав!
– Кӯҳна чӣ шуд? –
Пурсам,
Очам мегӯяд:
– Мӯҳлати ӯ охир шуд!

Аҷаб коре завқовар,
Намекунад кас бовар!

Дар байни як дақиқа
Соли Кӯҳна рафтааст,

Ба ҷои он Соли Нав
Омада, биншастааст!

Хуш омадӣ, марҳабо,
Эй хурдакак Соли Нав!
Бо мо дар кишвари мо
Далеру қаҳрамон шав!

## АЗ ҲУНАРИ ХУД ШОДЕМ!

Зимистон, дар зери барф
Пинҳон гардида замин.
Бо дасти худ месозем
Хоначаи нозанин!

Дару девори онро
Месозем аз барф.
Даҳлезашу айвонро
Месозем аз барф.
Бобои хонабонро
Месозем аз барф.

Бузаку бузғоларо
Месозем аз барф.
Говаку гӯсоларо
Месозем аз барф.

Сагбачарову харгӯш
Месозем аз барф.
Ҳар чӣояд ба мо хуш,
Месозем аз барф.

Бинокори устодем,
Аз ҳунари худ шодем!

## ШАМОЛ

Биё, биё, эй шамол,
Шамоли масти кӯҳсор!
Биё, ки рӯзи дароз
Туро ҳастем интизор.

Баромада ба кӯча,
Бозӣ кардан мехоҳем.
Рафта ба дашту саҳро,
Гулҳо чидан мехоҳем.

Аммо рӯи хуршедро
Пӯшондаанд абрҳо.
Меборад борони сел
Дар кӯҳу дашту саҳро.

Биё, биё, эй шамол,
Ба сӯи мо чун умед.
Канда парто пардаро
Зудтар аз рӯи хуршед!

То ин ки рӯзи дароз
Дар хонаҳо нашинем.
Дар кӯча бозӣ кунем,
Дар саҳроҳо гул чинем!

## КУҶОӢ, ЭЙ ХУРШЕД?

Куҷоӣ, эй хуршед?
Бидеҳ ба мо даст.
Зери барфи сафед
Баҳор хобидаст.

Аз рӯяш бардор
Пардаи барфинро.

Мон, шавад бедор,
Зебо кунад заминро.

Ҷаҳони якрангро
Созад гуногун.
Садои дафу чангро
Расонад то гардун.

## МЕОЯДУ МЕРАВАД

Ман медонам, ки чаро
Хуршеди оламафрӯз
Меояду меравад
Ба деҳаи мо ҳар рӯз.

Меояд, ки кӯдакон
Ба кӯчаҳо бароянд,
Ҳар қадар ки дил хоҳад,
Бо ҳам бозӣ намоянд.

Меравад аз он сабаб,
Ки дар дигар диёре
Интизори ӯ ҳастанд
Кӯдакони бисёре.

Дар он ҷо ҳам кӯдакон
Бозӣ кардан мехоҳанд,
Аз шӯълаи офтоб
Баҳра бурдан мехоҳанд.

## ЗАРУРУ НОГУЗИР АСТ

Барои ҳар як зинда
Зарур аст обу ҳаво,
Заруру ногузир аст
Хуршеди оламоро.

Аммо барои инсон
Ғайр аз обу офтоб,
Ғайр аз ҳавои ҷонбахш
Инчунин лозим китоб!

Дар айёми ҷавонӣ
Китоб устоди хуб аст,
Дар пириву танҳоӣ
Ҳамсӯҳбати маҳбуб аст.

## НАҒЗАКАК ХОНЕД!

Бачагони азизи кишвари ман,
Тозагулҳои ин гулистонед!
Соли таҳсилатон муборак бод,
Шод бошеду нағзакак хонед!

Дониши илм нури дидаи мост,
Ҳар киро илм нест, чун кӯр аст.
Ҳар кӣ беилм – нотавону заиф,
Ҳар кӣ боилм, қодиру зӯр аст.

Ватани меҳрубону мушфиқи мо
Баҳри моён кушода мактабро.
Дода бар мо китобу дафтарро,
Гуфт:
– Хонед нағзакак, бачаҳо!

Бачаҳо, сарфарозу хушбахтед,
Он чӣ хуб аст, аз барои шумост.
Пас, бикӯшеду нағзакак хонед,
Ки Ватанмон бигӯяд: – Ин аълост!

## ГУЛ КУН ҲАМЕША!

Эй Ватани мо,
Ту дилрабоӣ,
Эй гулшани мо,
Ту дилкушоӣ.

Мо, баччагонро,
Монанди модар,
Додӣ дабистон,
Китобу дафтар.

– Хонед, – гуфтӣ, –
Илму ҳунарро!
– Бошед, – гуфтӣ, –
Олиму доно!

Дунёи навро
Созандагонед!
Бояд, ки аъло
Доим бихонед!

Панди туро мо
Дорем дар гӯш,
Нокарда асло
Онро фаромӯш.

Гул кун ҳамеша
Чун боғу бӯстон!
Бишкуф ҳамеша,
Эй бахти инсон!

Бар ваъдаи хеш
Мо устуворем!
Панди туро мо
Ба чо биёрем!

## УСТОД МЕШАВЕМ!

Дар мактабем аълохон,
Дар меҳнатем зарбдор!
Ҷои дилдодаи мост
Майдони донишу кор.

Меҳнат кардан дар саҳро,
Кӯшиш кардан дар завод –
Чун падарҳои далер
Аз хурдӣ мегирем ёд!

Дар оянда мешавем
Бомаҳорат устодон,
Бо ҷон хизмат мекунем
Бар Ватани ҷоноҷон!

## ХОҲАРАМ ГУЛНОР

Агар намешуд
Хоҳарам Гулнор,
Намегаштам ман
Аз хобам бедор!

Намегаштам гар
Аз хобам бедор,
Намекардам ман
Дарсамро такрор!

Намекардам гар
Дарсамро такрор,
“2” мегирифтам
Ҷои “5”-у “4”!

Намегирифтам
Агар “5”-у “4”,

Аз ман меранҷид
Хоҳарам Гулнор…

## ДОНО КИСТУ НОДОН КИСТ?

Ҳар кас нахонад,
Ҳар кас надонад,
Номаш нодон аст,
Кораш вайрон аст,
Ақлаш ҳайрон аст.

Ҳар кас бихонад,
Ҳар кас бидонад,
Номи ӯ доност,
Кори ӯ аълост,
Ақли ӯ бурност!

## ДАР ХОНДАН ҚАФОМОНДА

Ин писар мактабхон аст,
Номи ӯ – Неъмат!
Бар китфаш овезон аст
Фото-аппарат!

Намехоҳад раҳ гаштан
Бо ҳамсолонаш!
Намехоҳад гап задан
Бо ҳамсолонаш!

Бо шахсони калонсол
Қадам мемонад!
Бо шахсони калонсол
Сухан меронад!

Дар сӯҳбат гап мезанад
Аз ҳама беш ӯ!
Хӯрданро сар мекунад
Аз ҳама пеш ӯ!

Дар кӯча қафо мондан
Надорад ӯ дӯст!
Танҳо дар вақти хондан
Қафомонда ӯст!

## ДАР ШАБИ МАҲТОБ

Дар шаби маҳтоб,
Сояаш дида буздиле,
Фарёд кашид:
– Зудтар ба додам расед!

Ҳоли ман хароб!
Ана, бингаред:
Меларзад дасту поям!
Чунки шакле девсурат
Метозад аз қафоям!...

Намедонам, ки ӯ
Ҳушёр аст, ё маст?
Дастам агар бардорам,
Мебардорад даст!

Шинам агар, мешинад,
Давам агар, медавад.
Истам агар, меистад,
Равам агар, меравад...

Инро гуфта тарсончак,
Аз нав фарёд кашид:

– Дар кучҷоед, хешонам?!
Зудтар ба додам расед!

Хайрият, абри сияҳ
Рӯи маҳро бипӯшонд,
Надида сояашро,
Буздил аз гиряаш монд.

Диловар шуд тарсончак,
Таъна зад:
– Эй девсурат,
Агар ой дубора,
Намемонӣ саломат!

**АВВАЛИ БАҲОР**

Чун уштурони сафед
Мечариданд абрҳо
Дар чарогоҳи хуршед…
Мо мекардем тамошо.

Мечариданду нохост
Ба ҳамдигар бархӯрданд.
Шуд аз ду сӯ сафҳо рост,
Занозанӣ сар карданд.

Тундар бо сад ғулғула,
Монанди тӯп зад наъра.
Борон бориду жола
Ногаҳ яку якбора.

Ҷорӣ гардида селоб,
Ҷӯборонро пур намуд.
Медавад бо сад шитоб
Ҳар кас ба хонаи худ.

Абрҳои чангара
Аз нав оптӣ намуданд.
Баъд аз гиря якбора
Рақсону хандон шуданд.

Парешон гашта онон
Бар ҳар тараф бошитоб,
Аз нав табассумкунон
Намоён шуд офтоб.

Гӯё мегуфт ӯ ба мо:
– Шодӣ кунед, бачаҳо!
Омад баҳори зебо,
Хуррам шуд боғу саҳро!

## БАҲОРИ ТОҶИКИСТОН

Биё ба дашту саҳро,
Тамошо кун, ҷӯраҷон:
Чӣ хел зебо, дилкушо –
Баҳори Тоҷикистон!

## МАНЗАРАҲОИ БАҲОР

Ғуррид тундар,
Тарсуро тарсонд.
Нотарсҳоро
Офринҳо хонд.

Ғуррид тундар,
Оташак афшонд.
Абри сияҳро
Ларзонду гирёнд.

Ғуррида гуфто:
– Бароятон ман
Баҳор овардам,
Эй боғу гулшан!

Модари ҳастӣ –
Нозанин Замин,
Гардид бедор
Аз хоби ширин.

Гардида бедор
Дар паҳлӯи худ
Баҳорро дид,
Гардид хушнуд.

Надорад ором
Баҳори гулкор,
Барои зеби
Водиву кӯҳсор
Мебофад аз гул
Гилеми гулдор.

Бар сари ҳар гул
Нишаста бедор,
Булбули хушхоҳ
Дар боғу гулзор.

Баҳор оддӣ нест,
Соҳира аст он,
Аз хандаи ӯ
Гулзор хандон.

Аз гиряи ӯ
Абр аст гирён,
Дар сифати ӯ
Булбул ғазалхон.

Аз ҳайбати ӯ
Хазон гурезон,
Аз ҳиммати ӯ
Олам гулистон.

Мегӯем аҳсан
Баҳори худро,
Баҳори хуби
Диёри худро!

## ДАР ДАШТУ КӮҲСОРИ МО

Дар даштту кӯҳсори мо
Гулҳо аҷаб хушрӯянд!
Рангорангу зебоянд,
Зарифанду хушбӯянд!

Дар барги ҳар гул асал
Чун бӯи гул пинҳон аст.
Танҳо занбӯри асал
Меорад онро ба даст.

Занбӯр номаш, валекин
Натар аз вай, дораш дӯст!
Ин асал, ки мехӯрем,
Маҳсули меҳнати ӯст.

## ЧӮПОНПИСАР

Табиат аз хоб
Гаштаст бедор,
Сабза дамидаст
Дар даштту кӯҳсор.

Чун гул шукуфтаст
Чеҳраи чӯпон,
Аз сабза сер аст
Раммаи чӯпон.

Дар ин фасли хуб
Барои чӯпон
Шодиангез аст
Навои чӯпон.

Най менавозам,
Ҷон чӯраҳоям,
Рақседу хонед
Ғазал бароям!

Хурдам, валекин
Соҳибҳунар ман,
Ҳайрон нагардед
Чӯпонписар ман!

Ин аст асоям,
Дар кӯҳсорон
Ӯ дасту поят
Барои чӯпон.

Инаш – саги ман,
Хайбар номи ӯст.
Ӯ ҳамраҳи ман,
Медорамаш дӯст.

Инаш – наи ман,
Найро дадоям
Аз шаҳр овардаст
Махсус бароям!

Оре, ҳар боре
Менавозам най,

Дунё мерақсад
Бо садои вай.

Чӯпон шуданро
Агар бихоҳед,
Марҳамат, ёрон,
Наздам биёед!

## ГУЛИ ЛОЛА

Рӯидаву шукуфтаст
Дар дашту кӯҳсорон,
Дар дида менамояд
Чун оташи шукуфон.

Аз дур агар бубинед,
Чун парчаме мерахшад.
Наздаш агар нишинед,
Хурсандиҳо мебахшад.

Номи онро медонед?
Номаш гули лола аст!
Мисли парчам кӯдакон
Мегиранд онро ба даст!

## ПИРИ ХИРАДМАНД

*(Аз халқ)*

Мегӯянд, як пирамард
Ниҳолшинонӣ мекард.

Ҷавоне дида ӯро,
Табассум карда гуфто:

– Хам гаштаи камонвор,
Ниҳол ба ту чӣ даркор?

Наход, ки дорӣ умед
Аз мевааш, мӯсафед?

Пирамарди хирадманд,
Додаш ҷавоб: – Эй фарзанд!

Вақте ки хурд будам,
Бе меҳнат мева хӯрдам. –

Ҳар гаҳ аз бобоҳоям
Миннатдорӣ намудам.

Ман, ки тухме мекорам,
Фикри оянда дорам:

Мехоҳам, ки авлодам
Ба некӣ орад ёдам!

## ГУЛИ ШОМУ САҲАР

Гуле дидам аҷоиб,
Аҷоибу ғароиб.

Шому саҳар хандон буд,
Вақти пешин гирён буд.

Ҳамин ки шаб даромад,
Ранги рӯяш дигар шуд.

Аз ин сабаб номи ӯ
Гули шому саҳар шуд!

**ВАТАН**

Даме ки ман Ватан гӯям,
Ба васфи ӯ сухан ҷӯям.

Диёре дар назар дорам,
Ки дар он марди озодам.
Ба ҳар кӯяш гузар дорам,
Барояш ҷону тан додам.

Чу модар эътибори ӯст,
Чу ҷонам дорам ӯро дӯст!

**ПАРРАНДАГОН**

Паррандагон дар тирамоҳ
Парвоз карда меравcovered,
Дар мулки гарме, то баҳор
Ҳар сол меҳмон мешаванд…

Чун насли инсонем мо,
Моро Ватан болу пар аст!
Тарки Ватан кардан ба мо
Аз марг ҳам сангин аст!

**ЗИНДАГӢ**

Обу барфу
Чашмаҳои кӯҳсор –
Чун дили ғампарваре,
Рӯзу шабҳо беқарор.
Бо сурӯди хоси худ
Сӯи водиҳои дуре
Раҳсупор.

Дар раҳи худ
Ҷамъ гашта,
Қатра-қатра,
Ҳамчу дарёи азим,
Дур карда
Бо ғазаб аз роҳи хеш
Сангро, харсангро дар кӯҳсор,
Меравад пайваста пеш…

Оби дар як ҷой монда
Зинда нест,
Пеш рафтан аз барояш
Зиндагист!

## ТАРОНАИ САНЪАТКОР

Бо дӯстони
Хурду калонам
Бо роҳи санъат
Қадам бимонам.

Рафта ба мактаб
Мехонам китоб,
Менавозам ман
Дар саҳна рубоб.

Доим мебошад
Орзуи ман –
Аълочӣ будан
Дар кору хондан.

Калон, ки гаштам,
Мекунам хизмат,
Бо рубоби худ
Ба халқу давлат.

## РАҚСИ ЗЕБО

*(Суруди рақсӣ бо ҳавои "Дилам, дил...")*

Зебоҷонам, ҷони ман,
Навгули бӯстони ман,
Ракси зебо мекунад
Духтари даврони ман.

Зебоҷонам хушовоз,
Тарона гар бихонад,
Шунида овозашро,
Булбул ҳайрон мемонад.

Дасту рӯяш мешӯяд
Нағзакак вақти саҳар,
Мӯяшро шона карда
Духтари соҳибҳунар.

Ба мактаб мешитобад
Китоб гирифта дар даст.
Дар саҳна моҳир аст ӯ,
Дар мактаб аълохон аст.

## ҶОН ТОҶИКИСТОН

*(Суруд)*

Ҷон Тоҷикистон
Фарзандат астем,
Дар хизмати ту
Камар бубастем.

Гулшани бахтат,
Ки бехазон аст,

Чун умри моён
Доим ҷавон аст.

Гулҳо шукуфта
Дар бӯстонат,
Мо булбулонем
Дар гулситонат.

Дил дар ҳавоят
Пайваста шод аст,
Қадри ту моро
Аз ҷон зиёд аст.

Дар васфат имрӯз
Тарона хонем,
Хушбахт бо ту
Хурду калонем.

## ЧАРО?

*(Ҳаҷв)*

Д у х т а р. Ҷон укаҷон, кор накардӣ чаро?
Аз хобам бедор накардӣ чаро?

П и с а р. Аз хобат бедор намудам, вале
Тоқима тайёр накардӣ чаро?

Д у х т а р. Ҷон укаҷон, кор накардӣ чаро?
Ҳезума тайёр накардӣ чаро?

П и с а р. Ҳезума тайёр намудам, вале
Кулчаро бисёр накардӣ чаро?

Д у х т а р. Ҷон укаҷон, кор накардӣ чаро?
Дина ба бозор нарафтӣ чаро?

П и с а р.	Дина ба бозор бирафтам, вале
Кисама пулдор накардӣ чаро?

Д у х т а р	Ҷон укаҷон, кор накардӣ чаро?
Дарсата тайёр накардӣ чаро?

П и с а р.	Дарсама?! Эй хоҳари ширинакам,
Маро хабардор накардӣ чаро?

## ПАХТА

Дар майдони пахтазор
Пахтачинӣ сар шудаст,
Рафта пахта мечинем
Бо мошинаю бо даст.

Пахта либоси мо аст,
Пахта – китобу дафтар.
Пахта – тиллои сафед,
Мечинемаш сар то сар!

## АЗ ҲАМА БЕҲТАР

– Бигӯ бароям, Аҳмад,
Чӣ фарқ байни хубу бад?

Чин карда абрӯяшро,
Ба сӯям карда нигоҳ,

Гуфт ӯ бо овози паст:
– Хуб хуб асту бад бад аст.

Мақсадашро фаҳмидам,
Аз нав ӯро пурсидам:

– Чӣ беҳтар? Хуб ё ки бад?
Қоматашро карда рост,

Бо табассум гуфт Аҳмад
– Аз ҳама беҳтар аълост!

## СОАТИ МАКТАБХОНА

Бо ҳайрат Аҳмад пурсид
Аз модари худ:
– Чаро
Ин қадар мешитобад
Соати хонаи мо?
Аммо соати мактаб
Намешитобад асло?!

– Намешитобад?
– Бале!
Мегардад танбалона!
Шояд, ки вайрон бошад
Соати мактабхона?!

## АЗ ҲАМА МУҲИММАШРО ФАРОМӮШ КАРДААСТ

Ба соати деворӣ
Нигаҳ карда Аҳмад гуфт:
– Ман бехабар, вай бошад,
Аллакай 10! Бояд хуфт!

Аммо пеш аз хобидан
Бояд фаҳмид, ки оё

Накардаам фаромӯш
Ягон супоришеро.

Канӣ, ба ёдам орам
Корҳои кардагиро:
Баъд аз хӯроки пешин
Рафта будам ба кино,

Сонӣ бо ҷӯраҳоям
Барфакбозӣ намудам,
Сонӣ яккаву танҳо
Аспактозӣ намудам,

Сонӣ гову бузамро
Ба сӯи оғил рондам,
Сонӣ хоҳарчаамро
Дар гаҳвора ҷунбондам,

Сонӣ монда радио
Мусиқиро шунидам,
Пишакамро ҷеғ зада,
Сураташро кашидам. –

Корҳои кардаашро
Як ба як Аҳмад шумурд,
Он гаҳ ба ҷогаҳи худ
Даромаду хобаш бурд.

Танҳо чу рӯзи дигар
Ба синфи худ даромад,
Супориши муаллим
Ба хотири вай омад.

## ГУМОНИ АҲМАД ЧАППА БАРОМАД

Саволе дода, пурсид
Муаллим аз баччагон:
– Кӣ мехоҳад, бар савол
Ҷавоб диҳад, гӯетон?

Якбора Аҳмади мо
– Ман! – гуфту аз ҷояш хест.
– Ба фикрам, – гуфт, – ин савол
Он қадар ҳам мушкил нест!

Ҷавоби ин саволро
Магар Аҳмад медонист?
Намедонист! З-ин сабаб
Бо шитоб аз ҷояш хест.

Гумон кард, ки агар вай
Бихезад аз ҷояш зуд,
Муаллимаш мегӯяд:
"Шин, Аҳмад, ба ҷои худ!

Ту медонӣ дарсатро,
Мепурсамат дигар бор..."
Аммо... чаппа баромад
Ин гумони нодаркор.

Оромона муаллим
– Ҷавоб деҳ, – гуфт, – Аҳмадҷон!
Аҳмад шуд аз кори худ
Бениҳоят пушаймон.

Оҳе кашида, Аҳмад
Гуфто бо овози паст:

– Ба фикри ман ин савол
Бениҳоят мушкил аст…

## ДАРАХТИ ПОМИДОР

Аҳмад аз бозор
Помидор овард.
Вохӯрда дар роҳ
Бо ман салом кард.

Пурсидам аз вай:
– Дорӣ, Аҳмадҷон,
Помидорҳои
Ин қадар калон.

Дарахти онҳо
Чӣ гуна бошад?
Аз ин саволам
Ҳайрон шуд Аҳмад.

Подмидорро ӯ
Мехӯрад кайҳо,
Лекин надидаст
Дарахти онро.

Ҳар чӣ бошад ҳам,
Нахост Аҳмад,
Ки дар назди ман
Шарманда гардад.

– Дарахташ, – ӯ гуфт
Бо овози паст, –
Чун дарахти себ
Ғафсу калон аст.

## ҶАВОБИ АҲМАД

Аҳмадро рӯзе дидам,
Ин тавр аз ӯ пурсидам:

– Аҳмадҷон, дар чандум синф
Мехонӣ?
– Дар якум синф!

– Дар якум, ки мехонӣ,
Ҳисобро хуб медонӣ?

Бо табассум Аҳмадҷон
Гуфто: – Манам аълохон!

– Ин тавр ки бошад, бигӯ:
Чанд мешавад ду бо ду?

Хурсандона Аҳмадҷон
Гуфт:
– Ин саволат осон.

Ду бо ду мешавад чор!
Чор дар дафтарам бисёр!

– Чанд мешавад чор бо чор?
– Чор бо чор? Ин дуто чор!

Пурсидамаш дигар бор:
– Чанд мешавад садто чор?

Чин карда абрӯяшро,
Гуфто Аҳмад:
– Садто чор?
Бениҳоят ҳам бисёр!

## НАВ ЧИСТУ НАВОВАР КИСТ?

I

Рӯзе пионер Бовар
Омада назди падар,
– Пурсидан, – гуфт – айб нест:
Нав чисту
Нововар кист?

Падар гуфт: – Оре, Бовар,
Саволат бемаънӣ нест.
На ҳар навҷӯ – нововар,
На ҳар як нав бомаънист.

– Чаро? – пурсидаш писар.
Падар гуфт:
– Бишнав.
Агар

Ширро бо сирко нӯшӣ,
Ҷомаро чаппа пӯшӣ,

Ҳар кас мегӯяд:
– Бовар,
Қоидаи нав баровад.
Аммо найӣ нововар.

II

Ё шоири "навпараст"
Агар гӯяд, ки "Каждум"
Қофияи уштур аст",
Чизе намешавад гум.

Мақсади ӯ маълум аст:
Чунки уштур качгардан,

Аммо каждум качдум аст.
Гапаш нав, ба фикри ман.

Аммо нави бемаънист,
Ин “шоир” нававар нест.

III
Инак, мисоли дигар:
Ягон сураткаш агар

Хар кашад – бедум бошад,
Соҳиби хартум бошад,
Мебарояд хари нав.

Лекин нави бемаънист,
Рассомаш нававар нест.

IV
Аммо агар пахтакор
Пахтаашро дар баҳор
Бо тарзи нав бикорад,

Аз дигарон зиёдтар
Ҳосил агар бардорад,

Тачрибаи корашро
Омӯзад ӯ ба ёрон,

Дар ҳаққи ӯ одамон
Мегӯянд:
– Устоди мо
Дар ҳақиқат нававар!

V

Дар завод ё фабрика,
Дар назди як станка

Кор кунад даҳ нафар.
Касе аз онон агар

Роҳе ёбад, ки танҳо
Мекунад як кас иҷро
Аз аввала афзунтар
Кори он даҳ нафарро,

Рафиқонаш баробар
Дасти ӯро фишурда,
Муборакбодаш карда,
Мегӯяндаш:
– Нововар!

Барои нововарӣ
Раҳмат ба ту, бародар!

VI

Мисоли охир:
Агар
Шоире соҳибҳунар,

Маяковский барин,
Он сон шеъре нависад,
Ки бошад талху ширин.

Умр бинад, беш аз сад
Бошад равону бурро,
Ки шоираш тавонад
Сарфарозона онро
Барои халқаш хонад!

– Оре, – мегӯяд Ватан, –
Да сафари дуродур
Барои халқам зарур –
Чун пӯлод асту оҳан
Ин гуна бурро-асар!
Шоири он – нававар!

Бишнав, фарзандам, Бовар,
Хоҳӣ, бошӣ нававар,

Кӯшиш кун бо муҳаббат,
Ки ҳар як фикри нават
Дар ҳақиқат нав бошад,
Барои халқу давлат
Меваи ширин бахшад.

… Аммо худат худатро
Нахон, писарб нававар.
Мон, ки халқат дар ҳаққат
Гӯяд:
– Бовар – нававар!

## МАРДИ ҲАҚИҚАТ

*(Аз фолклори Норак)*

I

Рӯзе ба наздаш
Кардаст даъват
Фарзанди худро
Марди ҳақиқат.

Гуфтаст:
          – Бодо
Рӯзи ту фирӯз,
Рав, дарси мардӣ
Аз Рустам омӯз!...

II
Баргашта фарзанд
Беҳол чун маст,
Дасти падарро
Бӯсида гуфтаст:

– Он ҷо, ки гуфтед
Манзили Рустам,
Кӯҳи баланде
Истода дидам.

Бишнида арзаш
Марди хирадманд,
Хандида гуфтаст:
– Бишнав, ҷигарбанд:

Оне, ки чун кӯҳ
Аз дур бинмуд,
Рустаму асպаш
Бо гурзи ӯ буд!

Гуфтаст фарзанд:
– Рухсат диҳедам,
То ман ба он ҷо
Тозам ҳамин дам!

– Ҳайҳот! – гуфтаст
Пири дилогоҳ, –

Суде надорад
Рафтан ба он ҷо!

Онро, ки якбор
Ояд ба кайҳон,
Дубора дидан
Берун аз имкон…

Навпаҳлавоне
Бояд биёяд,
То ҷои Рустам
Майдон кушояд!

**КАҶУ РОСТ**

*(Аз фолклори Норак)*

Ду рафике буд
Дар деҳи Хабост,
Номи яке Каҷ,
Номи дигар Рост.

Он, ки номаш Каҷ,
Каҷназар будаст,
Дар назараш рост
Каҷ менамудаст!

Ҳамеша бо Рост
Ӯ ҳамсафар буд,
Аз ин сабаб ҳам
Дур аз хатар буд.

Боре бо худ гуфт:
"Аз Рост – безор!
Хоҳам, ки бошам
Соҳибихтиёр!"

Як худаш аз пул
Гузаштанӣ шуд,
Дар назараш пул
Беҳад кач намуд.

По монду аммо
Сараш бичархид,
Аз рӯи пул Кач
Ба дарё афтид…

Ҳатто дар он ҷо
Дарёи кабуд
Лойолуду кач
Ба вай менамуд…

## КАЛИДИ САНДУҚИ ГАНҶ

*(Аз фолклори Норак)*

I

Дар охири умраш пире
Монда бар китфи писар даст,
Гуфтааст:
– Хоҳам, донӣ, ки чаро
Номи ин кӯҳ Сандуққӯҳ аст?

Биншин даме дар паҳлӯям,
Қиссаеро, ки аз падар
Шунидаам дар ҷавонӣ,
Ҳикоят кунам, писар.

Рӯзе падарам гуфта буд,
Ки як замоне, гӯиё
Деҳаи хурди мо Норак
Калон будасту тавоно.

Ҳар кас бо гул омадаст
Ба ин диёри гулобод,
Бо гулдастаҳо мерафтаст
Аз ин ҷо хурраму дилшод…

Аммо ғосибони лаин
Шунида шӯҳрати Норак,
Шамшерҳоро тез мекунанд
Барои ғорати Норак.

Воқиф гашта норакиён
Аз нияти бади душман,
Баҳри ҳифзи ганҷи диёр
Ба по мехезад марду зан.

Дар сандуке ҷо мекунанд
Сарвати диёри худро,
Бурда мекунандаш пинҳон
Дар дили ин кӯҳи хоро.

То калида сандуқи ганҷ
Наафтад ба дасти бадхоҳ,
Ба дарёи пурҷӯши Вахш
Бурда, мепартоянд онро.

Бахтиёр он ҷавонмарде,
Ки ғӯта хӯрда ба дарё,
Ба каф орадаш, чу дурдона
Калиди сандуқи ганҷро…

Ин ҳикояи аҷибро
Асрҳо бенаво падарон
Мондаанд бо ҳасрат аз худ
Чу меросе ба фарзандон.

Ба ту ҳам аз падари ту
Ягона мерос ҳамин аст.

Калиди ганҷи Норакро
Биёвар, фарзандам ба даст...

II
Солҳо аз паи ҳамдигар
Чун корвоне мегузаштанд.
Ҳазорҳо кӯшиданд, аммо
Калидро соҳиб нагаштанд.

Замони мо чун навбаҳор
Бишкуфонд гули умедро,
Як шуда понздаҳ бародар
Ба даст оварданд калидро!

Кушода сандуқи Норакро
Бародарон зафар карданд,
Бо ганҷи нурбахши он
Ҷаҳоне мунаввар карданд!

## РАВҒАНИ МОР ХУРДАСТ

*(Аз фолклори Норак)*

Мегӯянд, Луқмони Ҳаким
Дар аввал ҳаким набудаст,
Аммо асрори ҳикматро
Ҷустуҷӯ менамудаст.

Рӯзе, андар биёбоне,
Тоифаеро мебинад,
Ки гӯшти мор мехӯрданд,
Луқмон наздашон мешинад.

Ин мардони меҳмоннавоз
Равғани мораш медиҳанд.
Равғани мор хӯрда, шудаст
Як ҳакиме оламписанд!

Аз ҳамон дам одамон
Гар доное забардаст
Пайдо шавад, мегӯянд:
– Равғани мор хӯрдааст!

## ҚИССАИ ҶАЙРА

*(Аз фолклори Норак)*

Оё медонед, ҷайра
Як вақте одам будаст?!
Дар дӯконе, сари роҳ
Дукфурӯшӣ намудаст.

Рӯзе кампире ночор
Ба назди ӯ меояд,
Хам карда сар, бо зорӣ
Илтимос менамояд:

– То фардо бояд ресам
Ба хӯҷаинам ресмон.
Мекушадам, агар ман
Ба ҷо наорам фармон.

Амо дукам шикастаст,
Надорам дуке дигар.
Чӣ мешавад, дукеро
Диҳедам насия агар?

Он қадар ҳам насия не,
Тангаи накде дорам.
Тангаи дигареро
Рӯзи дигар меорам…

Дукфкрӯши сангиндил
Баланд-баланд механдад,
– Туро кушад, ба ман чӣ?! –
Гуфта, дарро мебандад.

… Ногаҳ ҳайвон мегардад
Дукфурӯши худписанд.
Дукҳояш гардида сих
Бар тани ӯ мехаланд.
Одамон дида ӯро,
Ҷайра номаш мемонанд!

Ҳар кас фитодагонро
Намедиҳад агар даст,
Барои нафъи умум
Ҳайвон шавад, беҳтар аст!

## МУНДАРИЧА


Азизи ҷавону пир ........................................ 3
Шеърҳо, таронаҳо, афсонаҳо ........................ 7
Ман калон мешавам ........................................ 9
Киштичаи ман ................................................ 9
Лочин ............................................................. 9
Рост мегӯям ................................................. 10
Гулчаҳон ....................................................... 11
Духтараки пурҳунар ..................................... 11
Бозичаҳо ........................................................ 12
Тӯббозӣ ......................................................... 15
Мактабхон мешавам ..................................... 15
Куҷост Рустам? .............................................. 15
Камони Рустам .............................................. 16
На танҳо номам Рустам ................................. 16
Ҳама медорандаш дӯст ................................. 17
Ҷӯробҳои гулдор ........................................... 17
Шикоят .......................................................... 19
Аз кори худ хурсандем ................................. 20
Чор фасли рахшонак ...................................... 21
Ҳастии ман аз онҳост .................................... 23
Чун фасли баҳор омад ................................... 23
Зимистон ........................................................ 24
Абрҳоро натарсон .......................................... 24
Аҷаб коре завқовар ........................................ 25
Аз ҳунари худ шодем ..................................... 26
Шамол ............................................................ 27
Куҷой, эй хуршед? .......................................... 27
Меояду меравад ............................................. 28
Заруру ногузир аст ......................................... 28
Нағзакак хонед ............................................... 29
Гул кун ҳамеша .............................................. 30
Устод мешавем ............................................... 31
Хоҳарам Гулнор .............................................. 31
Доно кисту нодон кист? .................................. 32
Дар хондан қафомонда ................................... 32

Дар шаби маҳтоб........................................................33
Аввали баҳор ............................................................34
Баҳори Тоҷикистон ...................................................35
Манзараҳои баҳор.....................................................35
Дар дашту кӯҳсори мо ..............................................37
Ҷӯпонписар..................................................................37
Гули лола ....................................................................39
Пири хирадманд.........................................................39
Гули шому саҳар........................................................40
Ватан............................................................................41
Паррандагон...............................................................41
Зиндагӣ .......................................................................41
Таронаи санъаткор ....................................................42
Рақси зебо ..................................................................43
Ҷон Тоҷикистон ........................................................43
Чаро ............................................................................44
Пахта...........................................................................45
Аз ҳама беҳтар ..........................................................45
Соати мактабхона .....................................................46
Аз ҳама муҳиммашро фаромӯш кардааст ..............46
Гумони Аҳмад чаппа баромад ................................48
Дарахти помидор ......................................................49
Ҷавоби Аҳмад ..........................................................50
Нав чисту нававар кист............................................51
Марди ҳақиқат .........................................................54
Качу рост ..................................................................56
Калиди сандуқи ганҷ................................................57
Равғани мор хӯрдааст...............................................59
Қиссаи чайра..............................................................60

Барои кӯдакон ва наврасон

**МИРСАИД МИРШАКАР**

**ҒУНЧАҲОИ ХАНДОН**

*Гулчини шеъру тарона, афсона ва қиссаву достон*

Муҳаррири ороиш А.Муҳаммадиев
Муҳаррири саҳҳофӣ С.Меҳрӣ
Мусаҳҳеҳ Ш.Сангинмуродов

Ба матбаа 22.07.2002 таҳвил гардид. Ба чопаш 25.07.2002 имзо шуд. Андозаи 60x84 1/16. Коғази офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Чопаш офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 4,0. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 2,28. Адади нашр 500. Супориш № 472.

Нашриёти "Адиб"-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Комбинати полиграфии Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, ш.Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.